«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Н. Хусрав, д.и.б., профессор,
________________ Давлатзода С.Х.
«23» ______11______ соли 2022

**ХУЛОСАИ**
**Муассисаи давлатии таълимии**
**«Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»**

**Рӯзнома:** Баррасии таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносӣ Назаров Тоҳирҷон Холмуминович дар мавзӯи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорониояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02. – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти касбӣ).

**Диссертатсия** дар кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, Холназаров Санг.

**Дар ҷаласаи васеъи** Шӯрои олимони факултети химия ва биология аз 23 ноябри соли 2022, протоколи №1 **иштирок доштанд:** д.и.п., профессор Холназаров С., д.и.п., профессор Сатторов А.Э., д.и.х. Қурбонов А., н.и.х., саромӯзгор Ашурзода Н.А., н.и.х. саромӯзгор Ятимов П.М., н.и.х, саромӯзгор Хайрзода А.Г., н.и.п.,саромӯзгор Қурбонов Ф.А., нип.,саромӯзгор Расулзода С.П., н.и.х., саромӯзгор Нуров У.А., н.и.х., дотсент Расулов У.З., н.и.п., саромӯзгор Тағоева Г.М., н.и.б., саромӯзгор Пиров Ғ.З., н.и.х., саромӯзгор Давлатов Д.О., н.и.б., саромӯзгор Сафарова С.С., н.и.х.к., саромӯзгор Рукниддинов Қ.Р., н.и.т., саромӯзгор Хидирзода М.С., н.и.п., саромӯзгор Ёров Ҷ.Д., н.и.б., саромӯзгор Бердиев Ҷ.Б, н.и.п., дотсент Кобулов Б., н.и.б., саромӯзгор Давлатова Д.М., н.и.п., саромӯзгор Шамсуллоева С.С., н.и.п., саромӯзгор Расулзода С.П., н.и.п.саромӯзгор. Азимова Ш., н.и.г., саромӯзгор Қувватов Ф.М., саромӯзгор Асомиддинзода Ҳ., омӯзгор Асоев С.М., омӯзгор Қувватов М., саромӯзгор Бобоев У.Х., саромӯзгор Амиров Қ.Б, омӯзгор Сайдалиев Б.Ҷ., омӯзгор Резмонова Қ., омӯзгор Рустамов Ш.Р., омӯзгор Икромов С.П., омӯзгор Хайров Т., омӯзгор Назаров А.Ҷ, омӯзгор Қаюмова С.

омӯзгор Комилов Р., омӯзгор Ғафорзода С.М, омӯзгор Пириева Д., омӯзгор Болтаев Ҳ.М. – ҳамагӣ 40 нафар.

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои химия, Қурбонов А. С.

**Котиби ҷаласа:** Расулзода С.П. – номзади илмҳои педагогӣ.

**Экспертони муқаддамотии муассиса:**

1) Д.и.п., профессор Сатторов А.Э. (тақризи мусбат).
2) Н.и.п., саромӯзгор Қурбонов Ф.А (тақризи мусбат).
3) Н.и.п., саромӯзгор Ёров Ҷ.Д. (тақризи мусбат).

**Маълумоти мухтасар дар бораи довталаб:** Соли 2002 факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Кӯрғон-Теппа (ҳоло Бохтар) ба номи Носири Хусравро аз рӯйи ихтисоси биология хатм намуда, фаъолияти илмии худро соли 2012 дар мавзӯи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорони ояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02. – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти касбӣ) таҳти роҳбарии д.и.п., профессор Холназаров Санг (қарори Шӯрои олимони ДДҚ (ҳоло Бохтар) ба номи Н. Хусрав аз 24.12.2012, (№5) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ оғоз намудааст.

**Шунида шуд:** Маърӯзаи Назаров Тоҳирҷон Холмуминович вобаста ба диссертатсияи ӯ дар мавзӯи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорони ояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон».

Довталаб натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмиашро дар шакли рӯнамо пешниҳод намуд.

Аз рӯйи маърӯза иштирокчиёни ҷаласа чунин саволҳо дода, ҷавобҳои мувофиқ гирифтанд.

**САВОЛҲОИ ДОДАШУДА**

**Саволи н.и.б. саромӯзгор Пирзода Ғ.**

***Савол:*** *Маърифати экологӣ чист ва кадом вазифаҳоро доро мебошад?*

***Ҷавоб.*** Маърифати экологӣ яке аз навъҳои фаъоли таҳсилот мебошад ва вазифаи асосии маърифати экологӣ ин таргиби васеи донишҳо ва дастовардҳои гуногуни маърифати экологӣ, дарки дурусти ҳаёт ва тарафҳои алоҳидаи он , инчунин паҳнкунии ақоиди экологӣ, ҷойгиршавии онҳо дар шуури одамон бо мақсади амалигардонии онҳо мебошад

**Саволи н.и.х. дотсент, Расулов У.З.**

***Савол:*** *Дар бораи таълиму тарбияи экологи кадом олимон ибрози ақида карданд?*

***Ҷавоб.*** Дар бораи таълиму тарбияи экологи олимони хориҷи ва ватани аз ҷумла И.Д. Зверов, А.Н. Захлебний, С. Холназаров, Ҷ. Бердиев, У. Зубайдов ва дигар олимон ибрози ақида карданд.

**Саволи н.и.п. саромӯзгор, Шамсуллоева С.С.**

***Савол:*** *Дар таълими экологӣ-педагогӣ кадом муносибатҳои системавӣ инъикоси худро меёбад?*

***Ҷавоб.*** Таълими экологӣ-педагогӣ, чун системаи объективӣ амалии ташкилот, ки сохти мураккаб дорад, илмҳои иҷтимоӣ, экологӣ ва педагогиро якҷоя месозад.

**Саволи н.и.п. саромӯзгор, Азимова Ш.Р.**

***Савол:*** *Кадом методҳои таълимро дар ташаккули салоҳиятнокии экологии омӯзгорони ояндаи биология истифода кардан зарур аст?*

***Ҷавоб.*** Дар раванди таълим барои ташаккули салоҳиятнокии экологии омӯзгорони ояндаи биология методҳои зеринро истифода бурдан мумкин аст: иттилооти айёнӣ, репродуктивӣ, таҳқиқоти, аёнию масъалавӣ ва эвристӣ.

**Саволи н.и.п. саромӯзгор, Расулзода С.П.**

***Савол:*** *Дар бораи салоҳиятнокии экологии омӯзгор маълумот медодед?*

***Ҷавоб.*** Салоҳиятнокии экологии омӯзгор ба андешаи мо – ин донишу таҷриба дар соҳаи илмҳои табиӣ, экологӣ ва маърифати экологӣ, қобилияту фаъолият оид ба муҳофизати муҳити зист мебошад. Салоҳиятнокии экологӣ ин омодагии назариявию ва амалии омӯзгор ба амалисозии таҳсилоти экологии хонандагон мебошад.

**Саволи н.и.х. саромӯзгор, Давлатов Д.О.**

***Савол:*** *Дар бораи методҳои таҳқиқотӣ маълумот медодед?*

***Ҷавоб.*** Методи таҳқиқотӣ дар оғоз барои таълими илмҳои табиатшиносӣ мавриди истифода қарор гирифта буд, зеро ки усули омӯзиши онҳо аксаран бо истифодаи мушоҳидаҳо, таҷриба, озмоиш, марбут буд. Айни замон бошад, методи таҳқиқотиро дар ҳамаи марҳилаҳои таълим ба кор бурдан мумкин аст. Инкишофи тасавурот дар бораи моҳият, вазифаҳо ва методикаи таҳқиқот дар таълим бо бавуҷудоии назарияи таълими проблемавӣ марбут аст.

**Саволи н.и.х. саромӯзгор, Нуров У.А.**

***Савол:*** *Дараҷаҳои таълими таҳқиқотиро дар илми педагогӣ тавсиф менамудед.*

***Ҷавоб.*** Дараҷаҳои таълими таҳқиқоти дар илми педагогӣ ба се дараҷа ҷудо карда мешавад. Дараҷаи якум ибтидои ки аз ҷониби омузгор гузошта мешавад,вале усули ҳаллу фасли онро қайд мекунад.Дараҷаи дуюм пешрафта буда аз ҷониби омӯзгор гузошта мешавад ва дараҷаи сеюм олӣ буда хонандагон масъаларо худашон мегузоранд, ва ҳаллу фасли онро хонандагон мустақилона иҷро мекунанд.

## МУҲОКИМА ВА МУЛОҲИЗАҲО

**Роҳбари илмӣ, д.и.п., профессор Холназаров С.:** Муаллифи диссертатсия Назаров Тоҳирҷон Холмуминович ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз соли 2012 то инҷониб тибқи нақша ва мавзӯи тасдиқгардида ба пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул аст.

Дар ҷараёни гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба модели устувори рушд тарбияи экологӣ ва такмили қобилияти маърифатӣ-экологии насли наврас ва ҷавон мавқеи хосро пайдо мекунад. Соҳаи маориф, муҳаққиқон, мутахассисони илми педагогика, ки дар ташаккули шахсият ва маърифати экологии хонандагон саҳми пурарзиш доранд, доир ба таҳияи нақша ва татбиқи чораҳои мушаххас назари нав ва амалҳои тозаро бояд роҳандозӣ намоянд.

Дар Тоҷикистон бо мақсади беҳгардонии ҷараёни таълиму тарбия ва маърифати экологӣ дар доираи ҳуқуқ як қатор ҳуҷҷатҳои муҳимми меъёрӣ қабул гардидаанд, ки ба ҳалли масоили пайдошавандаи экологӣ нигаронида шудаанд.

Навгонии илмии асосии таҳқиқот аз он иборат аст, ки коркарди асосҳои назариявӣ ва методологии самти омодагии экологии омӯзгорони ояндаи биология дар шароити таҳсилоти муттасил саҳеҳ ва равшан карда шуд; низом ва сохтори маърифати экологӣ, парвариши ҳисси майлу рағбат ва кӯшиши ҳифзи муҳити атроф дар заминаи ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи фанни биология муайян карда шуда, аҳамияти он дар ҷараёни таълим ва тарбияи фарҳанги экологии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян гардид; омилҳо ва принсипҳои мураттабсозии мазмуни таълим ва тарбияи экологии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи биологияи дар муассисаҳои олии касбии ҷумҳурӣ мушаххас карда шуд; роҳҳои самарабахш ва принсипҳои дидактикии таълим ва ташаккули салоҳиятмандии экологии омӯзгорони ояндаи фанни биология коркард ва муқаррар гардид.

Диссертатсияи Назаров Т.Х. кори баитмомрасидаи мукаммали илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Муаллиф дорои сифатҳои баланди касбӣ буда, метавонад аз рӯйи соҳаи таҳқиқоти илмии худ масъалаҳои илмӣ-таҳлилӣ гузорад, онҳоро ҳал намояд ва ба тарбияи кадрҳои илмӣ машгул шавад. Дар маҷмӯъ Назаров Т.Х.-ро метавон ҳамчун корманди илмӣ-педагогии комилан ташаккулёфта ва ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ сазоворбуда тавсиф кард.

Дар ин радиф ҳисоб мекунам, ки диссертатсияи Назаров Т.Х.-ро ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 дар назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст ва худи муаллиф бешубҳа сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

**Эксперти якум – д.и.п., профессор Сатторов А.Э.:** Ман диссертатсия ва автореферати Назаров Т.Х.-ро хондам ва мазмуну муҳтаво, хоса забони равони тоҷикии онҳо ба ман бисёр маъқул шуд. Андешаҳои худро ман ба таври хаттӣ дар тақризам баён карда, ба кафедра пешниҳод намудам, ки мазмуни мухтасари онҳо чунин аст, бояд зикр намуд ки дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо далелҳои зерин таъмин мегардад: эътимоднокии методологияи муттасили бонизом (системавӣ); консепсияи илмии ташхиси педагогӣ, таъмини шароити таълим, натиҷаҳои фаолияти таҷрибавию озмоишӣ ва тасдиқи нуқтаҳои дар фарзия пешниҳод гардида, ғоя ва консепсияи таҳқиқот, таҷрибаи шахсии фаъолияти касбии муҳаққиқ.

Дар ин робита мавзӯи таҳқиқотии Назаров Т.Х. ва натиҷаҳои илмии бадастовардаи ӯ, ки фарогири масъалаҳои назари олимон ки дар У. Зубайдов «Инсон ва экология» (2011), М. Лутфуллозода «Эҳёи педагогикаи Аҷам» (1997), Ф. Шарифзода «Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ» (2010), И.Т. Суравегин «Экология ва ҷаҳон» (1994) ва дигарон ҷустуҷӯйи методҳои самараноки таълиму тарбия, омодасозии кадрҳои педагогӣ аз нигоҳи асосҳои бунёдӣ-методологии проблемаҳо матраҳ шудаанд.

Автореферат ва натиҷаҳои илмӣ (13 интишорот) бо эътимоди кофӣ муҳтавои таҳқиқоти гузаронидашуда ва дарунмояи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Ҳамчун узви ҷаласа пешниҳод мекунам, ки диссертатсияи Назаров Т.Х. ба шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02. – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти касбӣ) ба ҳимоя пешниҳод карда шавад. Худи муаллиф бошад бешубҳа сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

**Эксперти дуюм – н.и.п., дотсент Қурбонов Ф.А:** Бояд зикр намуд, ки мавзӯи таҳқиқотии Назаров Т.Х. ва натиҷаҳои илмии бадастовардаи ӯ оиди вазъи воқеии таълим ва ҳалли мушкилот дар омодасосии омӯзгорони ояндаи фанни биология дар муасиссисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бахшида шудааст.

Дар Тоҷикистон бо мақсади беҳгардонии ҷараёни таълиму тарбия ва маърифати экологӣ дар доираи ҳуқуқ як қатор ҳуҷҷатҳои муҳимми меъёрӣ қабул гардидаанд, ки ба ҳалли масоили пайдошавандаи экологӣ нигаронида шудаанд.

Таълим ва тарбияи экологии ҷавонони муҳассил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи омодасозии омӯзгорони баландихтисос ба нақша гирифта шудааст. Дар қатори масъалаҳои дигари касби камол донишҷӯёни макотиби олии кишвар аз рӯи ихтисосҳои гуногун ҳатман бояд ба маълумоти кофии экологӣ фаро гирифта шаванд. Дар омодасозии омӯзгорон хоҳиш ва майл, кӯшиши худи донишҷӯён дар омӯзиши масъалаҳои ҳифзи муҳити атроф аҳамияти калон доран. Тарбияи экологӣ ва самаранокии он асосан аз омодасозии омӯзгори оянда ба фаъолияти педагогӣ дар заминаи ташаккули маърифати экологии хонандагон зич алоқаманд аст.

Воқеан, диссертатсияи мазкур маҳз ба ҳалли ҳамин масъала бахшида шудааст. Мавзӯъ ва мазмуни диссертатсия бошад ба пуррагӣ ҷавобгӯи ихтисоси 13.00.08.02. – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти касбӣ) мебошад.

Миқдор ва сифати мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи ҶТ ба нашр расонидаи довталаб ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ҷавобгӯ аст. Автореферат мазмуну муҳтавои дисертатсияро пурра инъикос менамояд. Таҳқиқоти диссертатсионии Назаров Т.Х. кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ аст ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Ман низ тарафдорам, ки диссертатсия дар шӯрои муштараки диссертатсионии назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба ҳимоя пешниҳод карда шавад.

**Эксперти сеюм – н.и.п., дотсент Ёров Ҷ.Д.:** Экология яке аз соҳаҳои ҷавон ва босуръат рушдёбандаи биологияи муосир буда, бо самтҳои гуногуни ин фан робитаи зич дорад. Бинобар ин, омодасозии муаллимони биология дар ташкили самараноки татбиқи таълим ва тарбияи хонандагон доир ба масъалаҳои нигоҳдорӣ, ҳифзи муҳити атроф ва биосфера, ғанигардонии онҳо, беҳгардонии солимӣ ва генофонди миллат ба аҳамияти калон молик аст.

Масъалаи муносибати организмҳои зинда бо муҳити атроф дар доираи фанни биология аз масоили муҳими таҳлил ва омӯзиш қарор ёфтааст. Ҳалли ин масъала ба рушди экология чун илм мусоидат менамояд, зеро он дар бораи муносибати организмҳои зинда бо муҳити атроф баҳс мекунад. Дар омӯзиши вобастагии организмҳои зинда ба муҳити атроф чунин самтҳои биология, мисли физиология, систематика ба таври амиқ иштирок мекунанд, ки дар натиҷаи он самтҳои нави биология пайдо шуда, мафҳумҳои морфологияи экологӣ, физиологияи экологӣ ва амсоли он рушд меёбад.

Дар натиҷаи рушди экологияи популятсионӣ ва системаҳои экологӣ методҳои омӯзиши экологияи муосир таҷдиди назар мегарданд. Дар самти мазкур натиҷаҳои таҳқиқоти олимони мамлакатҳои гуногун дар назди ҷомеа

масъалаҳои ҷиддиро мегузорад ва яке аз онҳо пешгирии дуршавӣ бобати тавозуни биологии табиат мебошад.

Бинобар ин, омодасозии омӯзгорони биология дар ташкили самараноки татбиқи таълим ва тарбияи хонандагон доир ба масъалаҳои нигоҳдорӣ, ҳифзи муҳити атроф ва биосфера, ғанигардонии онҳо, беҳгардонии солимӣ ва генофонди миллат ба аҳамияти калон дорад.

Диссертатсия аз усулҳои гуногун, амсоли таҳлили муқоисавӣ-қиёсии ретроспективӣ, амсиласозӣ, эмпирикӣ: ташкил ва баргузории пурсишнома, мусоҳиба, суҳбати ташхисӣ, мушоҳида, таҳлили омодабоши касбии донишҷӯ-омӯзгори оянда, озмоишӣ-таҷрибавӣ, коркарди математикии маълумотҳои дастёфта ва ҳоказо истифода шудааст.

Дар ин робита мавзӯи таҳқиқотии Назаров Т.Х. ва натиҷаҳои илмии бадастовардаи ӯ, ки фарогири масъалаҳои усулҳои гуногун: муайян намудани роҳу усул ва принсипҳои ташаккули салоҳиятмандии экологии омӯзгорониояндаи фанни биология дар таълим ва тарбияи экологии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар бартарафсозии ихтилофот байни мавҷудияти мушкилот ва талаботи муосир доир ба таъмини сифати омодасозии касбии омӯзгорон дар заминаи худфаъолмандии муҳассилин дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Фикр мекунам, ки мавзӯъ ва мазмуни диссертатсияи унвонҷӯ Назаров Т.Х. дар мавзӯъи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорони ояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02. – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти касбӣ) ва соҳаи илмии шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-002 дар назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аст ва худи муаллифи диссертатсия сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

## ХУЛОСАИ ЭКСПЕРТҲО

1. Диссертатсияи номзадии Назаров Т.Х. дар мавзӯи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорони ояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон» кори баитмомрасидаи мустақили илмӣ-таҳқиқотии тахассусӣ буда, тибқи меъёрҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» (Қарори Ҳукумати ҶТ, №267 аз 30.06.2021) омода гардидааст.
2. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бори нахуст ба таври комил муайян кардани шартҳои асосӣ ва воситаҳои педагогии коркарди асосҳои назариявӣ ва методологии самти омодагии экологии омӯзгорониояндаи

биология дар шароити таҳсилоти муттасил саҳеҳ ва равшан карда шуд; низом ва сохтори маърифати экологӣ, парвариши ҳисси майлу рағбат ва кӯшиши ҳифзи муҳити атроф дар заминаи ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯён-омӯзгорониояндаи фанни биология муайян карда шуда, аҳамияти он дар ҷараёни таълим ва тарбияи фарҳанги экологии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян гардид; омилҳо ва принсипҳои мураттабсозии мазмуни таълим ва тарбияи экологии донишҷӯён-омӯзгорониояндаи биологияи дар муассисаҳои олии касбии ҷумҳурӣ мушаххас карда шуд; роҳҳои самарабахш ва принсипҳои дидактикии таълим ва ташаккули салоҳиятмандии экологии омӯзгорониояндаи фанни биология коркард ва муқаррар гардид.

3. Натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф паҳлуҳои назарӣ ва амалии илми педагогика, ки дар ҷумҳурии мо мубрамияти он баръало эҳсос мегардад, муътамадона мусоидат менамоянд.
4. Натиҷаҳои бадастовардаи довталаб эътимоднок буда, хулосаву тавсияҳои диссертатсионии ӯ асоснок мебошанд. Таҳқиқот дар заминаи маҷмӯи калони маълумоти таҷрибавӣ, ҳадафҳои гузошташуда ба нишон расидаанд. Натиҷаҳои илмии диссертатсия дар асоси методологияи диди системавӣ ва консепсияи илмии ташхиси педагогӣ шакл гирифтааст.
5. Эътимоднокии натиҷаҳои илмии бадастомада бо далелҳои зерин таъмин мегардад: эътимоднокии методологияи муттасили бонизом (системавӣ); консепсияи илмии ташхиси педагогӣ, таъмини шароити таълим, натиҷаҳои фаолияти тачрибавию озмоишӣ ва тасдиқи нуктаҳои дар фарзия пешниҳод гардида, ғоя ва консепсияи таҳқиқот, таҷрибаи шахсии фаъолияти касбии муҳаққиқ.
6. Диссертатсияро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02. – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти касбӣ) ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст.

_____________________ *д.и.п., профессор Сатторов А.Э.*

_____________________ *н.и.п., и.в. дотсент Қурбонов Ф.А.*

_____________________ *н.и.п., и.в. дотсент Ёров Ҷ.Д.*

**Н.и.б., и.в. дотсенти ДДБ ба номи Носири Хусрав Пиров Ғ.З.:** Ман бо фикри экспертони муқаддамотии диссертатсия комилан розиам. Таҳқиқот бо методҳои гуногун, амсоли таҳлили муқоисавӣ-қиёсии ретроспективӣ, амсиласозӣ, эмпирикӣ: ташкил ва баргузории пурсишнома, мусоҳиба, суҳбати ташхисӣ, мушоҳида, таҳлили омодабоши касбии донишҷӯ-омӯзгори оянда, озмоишӣ-таҷрибавӣ, коркарди математикии маълумотҳои дастёфта ва ҳоказо истифода шудааст.

Мавзӯъ ва мазмуни диссертатсияи Назаров Т.Х. ба пуррагӣ ҷавобгӯи ихтисоси 13.00.08.02. – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти касбӣ) ва соҳаи илмии шӯрои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-002 дар назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аст. Аз ин рӯ, ман низ пешниҳод дорам, ки диссертатсия ба ҳимоя қабул карда шавад.

**Н.и.х., дотсенти ДДБ ба номи Носири Хусрав Ятимов П.М.:** Ман бо таҳқиқҳои илмии Назаров Т.Х. дер боз шиносам, онҳоро доимо таҳти назар дорам, мутолиа мекунам ва аз ҳар як пешравии ӯ хушҳол мегардам. Худи довталаб ҷавони серғайрат буда, натиҷаҳои таҳқиқотиаш тозаву нав ба нав ва хеле боварибахшанд. Назаров Т.Х. новобаста ба ҷавон буданаш кайҳо ба сатҳу дараҷаи номзади илм расидааст. Ман бо фикри роҳбари илмӣ, экспертони муқаддамотӣ ва дигар баромадкардагон пурра розиам, ки диссертатсия дар шӯрои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-002 дар назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

Имрӯз дар ҷумҳурӣ мутахассисони соҳаи педагогика ангуштшуморанд. Зимнан, мавзӯъ ва мундариҷаи диссертатсияи мазкур, ки ба пуррагӣ ҷавобгӯи ихтисоси 13.00.08.02. – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти касбӣ) мебошад, метавонад ба ҳалли ин мушкилот роҳнамоӣ намояд. Худи Назаров Т.Х. бошад, бешубҳа, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аст.

**ХУЛОСАИ ҶАЛАСА**

***Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.*** Дар замони муосир фарҳанги муносибат ва тарбияи экологии насли наврас аз масоили муҳимми байналмиллалӣ маҳсуб меёбад, зеро ки бе таҳаммул ва азхудкунии донишҳои экологӣ ягон соҳаи хоҷагии халқ, кишоварзӣ, саноати сабук ва вазнин самаранок ва бехатар фаъолият карда наметавонад. Аз ин лиҳоз, экология ва ҳифзи муҳити атроф ба масъалаи ҳаётан зарур ҳам аз нигоҳи сиёсат, ҳам иқтисодиёт ва ҳам ташаккули шуури ҷамъиятии одамон дар робита ба таҳкими солимӣ ва беҳбудии аҳолии дунё табдил ёфааст. Дар ҳалли масоили арзёфта экология чун базаи асосии назариявӣ эътироф шудааст.

Дар ҷараёни гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба модели устувори рушд тарбияи экологӣ ва такмили қобилияти маърифатӣ-экологии насли наврас ва ҷавон мавқеи хосро пайдо мекунад. Соҳаи маориф, муҳаққиқон, мутахассисони илми педагогика, ки дар ташаккули шахсият ва маърифати экологии хонандагон саҳми пурарзиш доранд, доир ба таҳияи нақша ва татбиқи чораҳои мушаххас назари нав ва амалҳои тозаро бояд роҳандозӣ намоянд.

Дар Тоҷикистон бо мақсади беҳгардонии ҷараёни таълиму тарбия ва маърифати экологӣ як қатор ҳуҷҷатҳои муҳимми меъёрӣ қабул гардидаанд, ки ба ҳалли масоили пайдошавандаи экологӣ нигаронида шудаанд.

Соли 1996 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи муҷтамаи давлатии рушди тарбия ва маълумоти экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2010-ро қабул карда буд, ки он то соли 2020 тамдид ёфта буд. Бо дарназардошти аҳамияти ҳалли ин масъала «Қонун дар бораи ҳифзи муҳити атроф» ва санаду хуҷҷатҳои дигари қонунгузорӣ ва меъёрӣ, ки ба ҳалли масъалаҳои ҳифзи муҳити атроф равона шудаанд, қабул гардиданд.

Барномаи муҷтамаи давлатии рушди тарбия ва маълумоти экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таълими ҳар як шахсро аз рӯйи ҷойи зист ва кор пешбинӣ намуда, қабули қарорҳои оқилонаро дар соҳаи ҳифз ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ уҳдадор месозад. Барнома бо роҳи ташкили низоми ягонаи таълим ва тарбияи мунтазами экологии аҳолии кишвар, таълиму тарбия дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот: ибтидоӣ, миёна, миёнаи касбӣ ва олӣ дар доираи ҳифзи муҳити зист амал намуда, омодасозии кадрҳои педагогиро тавассути баланд бардоштани сатҳи касбӣ ва такмили мутахассисон дар низоми маълумоти баъдидипломӣ ба маърази диққат ва эътибору иҷро гузоштааст.

***Мақсади таҳқиқот*** таҳия ва аз нигоҳи илмӣ асоснок намудани технологияи ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорони ояндаи фанни биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат.

***Вазифаҳои таҳқиқот.*** Дар асоси мавзӯъ, мақсадҳо ва фарзияи пешниҳодгардида вазифаҳои зерин ҳали худро ёфтанд:

- ошкор сохтани самтҳои ташаккули фарҳанги экологӣ, ворид намудани маводи экологӣ ба мундариҷаи гурӯҳи фанҳои табиӣ, омодасозии омӯзгори ояндаи биология дар шароити таълими доимӣ ва пайваста (муттасил);
- муайян намудани методҳо, принсипҳо ва тарзу усули босамари ташкили таълими экологии донишҷӯён, таъмини дараҷаи босифати тахассусии омӯзгори оянда дар самти тарбияи фарҳанги экологии хонандагон;
- ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳҳо, намудҳо ва воситаҳои натиҷабахши омода намудани омӯзгори ояндаи фанни биология дар заминаи ба нақша гирифтани раванди тарбияи экологии хонандагон дар партави ташаббускорӣ, такмили мазмун ва мундариҷаи таълим дар шароити муосир;
- ташкили кори озмоишӣ (эксперимент) доир ба асоснокӣ ва натиҷабахшиишин фаъолияти касбии омӯзгорони ояндаи фанни биология, пешниҳоди тавсия ва мулоҳизот доир ба пешбурди раванди

ташаккули фарҳанги экологии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

***Объекти таҳқиқот*** раванди омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни биология дар таълим ва тарбияи экологии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

***Мавзӯи таҳқиқот*** муайян намудани роҳу усул ва принсипҳои ташаккули салоҳиятмандии экологии омӯзгорони ояндаи фанни биология дар таълим ва тарбияи экологии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар бартарафсозии ихтилофот байни мавҷудияти мушкилот ва талаботи муосир доир ба таъмини сифати омодасозии касбии омӯзгорон дар заминаи худфаъолмандии муҳассилин дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

***Фарзияи таҳқиқот.*** Таълими экологии донишҷӯён ҳамчун фаъолияти касбӣ дар шароити муосир вақте самаранок мегардад, ки **агар:**

– мундариҷа ва сохтори омодасозии муҳассилини риштаи биологияи макотиби олӣ бо дарназардошти роҳу усул ва риояи принсипҳои ташаккули салоҳиятмандии касбии омӯзгорони ояндаи фанни биология дар таълим ва тарбияи экологии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ роҳандозӣ гардад;
– талаботи муосир доир ба сифати тайёр кардани кадрҳои педагогӣ (аз рӯи ихтисоси биология) дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ташаккули касбии таълим ва тарбияи экологии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо дарназардошти вижагиҳои иҷтимоӣ-фарҳангии кишвар татбиқ гардад;
– маҳорати идоракунии босамари таълим ва тарбияи экологии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди тайёр кардани омӯзгори ояндаи фанни биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат ташаккул дода шавад.

***Асосҳои назариявии таҳқиқотро*** сарчашмаҳои бунёдӣ-илмӣ доир ба проблемаҳои таълими экология ва ҳифзи муҳити зист, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Стандарти давлатии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ҳуҷҷатҳои дигари муҳимми директивии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба омӯзиши масъалаҳои экологӣ, ҳифзи муҳити атроф, муносибати босалоҳият ба таълим, инчунин корҳои илмӣ-таҳқиқотии файласуфон, педагогҳо, ҷомеашиносон, биологҳо, методистҳо доир ба масъалаҳои омодасозии кадрҳои педагогии экологӣ, масоили экологӣ ва ҳифзи муҳити атроф равона шудаанд, ташкил доданд.

***Заминаҳои эмпирикӣ*** диссертатсия аз усулҳои гуногун, амсоли таҳлили муқоисавӣ-қиёсии ретроспективӣ, амсиласозӣ, эмпирикӣ: ташкил ва баргузории пурсишнома, мусоҳиба, суҳбати ташхисӣ, мушоҳида, таҳлили

омодабоши касбии донишҷӯ-омӯзгори оянда, озмоишӣ-таҷрибавӣ, коркарди математикии маълумотҳои дастёфта ва ҳоказо истифода шудааст.

***Пойгоҳи таҳқиқот***, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорони шаҳри Бохтар ба ҳисоб меравtotand.

***Навгонии илмии таҳқиқот:***

- коркарди асосҳои назариявӣ ва методологии самти омодагии экологии омӯзгорониояндаи биология дар шароити таҳсилоти муттасил саҳеҳ ва равшан карда шуд;
- низом ва сохтори маърифати экологӣ, парвариши ҳисси майлу рағбат ва кӯшиши ҳифзи муҳити атроф дар заминаи ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯён-омӯзгорониояндаи фанни биология муайян карда шуда, аҳамияти он дар ҷараёни таълим ва тарбияи фарҳанги экологии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян гардид;
- омилҳо ва принсипҳои мураттабсозии мазмуни таълим ва тарбияи экологии донишҷӯён-омӯзгорониояндаи биологияи дар муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурӣ мушаххас карда шуд;
- роҳҳои самарабахш ва принсипҳои дидактикии таълим ва ташаккули салоҳиятнокии экологии омӯзгорониояндаи фанни биология коркард ва муқаррар гардид.

***Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:***

1. Вазъи таълими экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омодасозии касбии омӯзгорониояндаи биология дар шароити муосири таълими муттасил дар робита бо мавзӯи таҳқиқот муҳим арзёбӣ мегардад;
2. Дар низоми омодасозии касбии омӯзгорониояндаи биология ба барномаи таълимии донишҷӯён ворид гардидани масъалаи таълим ва тарбияи маърифати экологӣ ба аҳамияти ҳаётан муҳим ва зарур молик аст;
3. Ташаккули маҳорату малакаи омӯзгорониояндаи биология доир ба таълиму тарбияи экологии хонандагон, ҳифзи муҳити атроф аз масъалаҳои умдаи раванди таҳсилот мебошад;
4. Асосҳои педагогии омодасозии касбӣ-экологии омӯзгорониояндаи биология, натиҷаҳои таҷрибавӣ-озмоишии амсилаи пешниҳодшуда ва роҳу равиши босамари дар раванди озмоиш собитёфта дар самти баланд бардоштани маърифати донишҷӯён-омӯзгорониояндаи фанни биология дар ташаккули фаъолияти касбӣ-экологии онҳо мусоидат менамояд.

***Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот***

- ҷанбаҳои педагогии омодашавии омӯзгорониояндаи биология ва ташаккули салоҳиятмандии касбӣ-экологии онҳо дар фаъолияти педагогӣ амиқ ва  равшан карда шуд;
- фаъолияти мустақили илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-таҳқиқотии омӯзгорониояндаи фанни биология, татбиқи амалии донишҳои ҳосилшуда дар робита ба ҳифзи муҳити зист ва истифодаи мақсадноки сарватҳои табиии кишвар роҳандозӣ ва арзёбӣ гардид;

- санҷиши озмоишӣ самаранокии амсилаи пешниҳодшударо бобати ташаккули маърифат ва масъулияти экологии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи биология собит намуд;
- тавсияҳои педагогии пешниҳодшуда ҷиҳати маърифати экологии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи фанни биология ва ҷалби онҳо ба фаъолияти самарабахш дар самти ҳифзи муҳити атроф кумак хоҳад кард ва аҳамияти комили амалӣ дорад;
- тавсияҳои методӣ дар густариши робитаи мактаб ва хонавода, омӯзгор ва падару модар дар самти маърифати экологӣ ва ҳифзи муҳити атроф саҳми арзанда мегузорад;
- хулосаҳои назарӣ ва тавсияҳои амалӣ дар раванди омодашавии касбии омӯзгорони ояндаи фанни биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, низоми баланд бардоштани сатҳи тахасссусии кадрҳои педагогӣ ёрӣ ва кумаки муассир хоханд расонд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо далелҳои зерин таъмин мегардад: эътимоднокии методологияи муттасили бонизом (системавӣ); консепсияи илмии ташхиси педагогӣ, таъмини шароити таълим, натиҷаҳои фаолияти тачрибавию озмоишӣ ва тасдиқи нуқтаҳои дар фарзия пешниҳод гардида, ғоя ва консепсияи таҳқиқот, таҷрибаи шахсии фаъолияти касбии муҳаққиқ.

***Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.*** Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 13 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 6-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасида аст.

***Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.*** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии кор», ду боб, бахши «Хулосаҳо» бо зербахшҳои «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», бахши «Охирсухан», бахши «Номгӯи адабиёт» бо зербахшҳои «Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 193 саҳифаи матни компютерии бо ёрии протсессори Microsoft Word ҳарфчиншуда иборат буда, 11 расму диаграмма ва 7 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо барои ҳар ду боби диссертатсия умумӣ мебошад. Рӯйхати адабиёт фарогири 200 номгӯй мебошад.

**Хулосаи умумии ҷаласа.** Диссертатсияи унвонҷӯ Назаров Тоҳирҷон Холмуминович дар мавзӯи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорони ояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02. – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти касбӣ) пурра мувофиқат мекунад.

**ҚАРОРИ ҶАЛАСА**

1. Диссертатсияи номзадии Назаров Тоҳирҷон Холмуминович дар мавзӯи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорони ояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба тамоми талабот ва меъёрҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)» (Қарори Ҳукумати ҶТ, №267 аз 30.06.2021) ҷавобгӯ мебошад ва ба пуррагӣ аз рӯйи талаботи бандҳои шиносномаи ихтисоси 13.00.08.02. – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти касбӣ) омода гардидааст.
2. Матни диссертатсия аз таҳқиқоти мустақилонаи илмию тахассусӣ ва соҳавӣ иборат буда, маводи муаллифони дигар ва ҳиссаи ҳаммуаллифон танҳо тавассути истинодоварӣ истифода гардидааст. Дар диссертатсия ягон маълумоти сирри давлатидошта ё иттилооте, ки паҳнкунии он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, мавриди истифода қарор нагирифтааст.
3. Диссертатсияи номзадии Назаров Тоҳирҷон Холмуминович дар мавзӯи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорони ояндаи биология дар муассисаҳои олии касбии Тоҷикистон» ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 дар назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02. – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти касбӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети химия ва биологияи ДДБ ба номи Н. Хусрав аз 23 ноябри соли 2022, протоколи №1 бо иштироки мутахассисони даъватшуда қабул гардидааст.

Дар ҷаласа ҳамагӣ 40 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 3 нафар доктори илм, 21 нафар номзади илм, 16 нафар омӯзгори калону ассистентон.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** «тарафдор» – 40 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Қарор якдилона қабул гардидааст, протоколи №1 аз 23 11.2022.

Раиси ҷаласа, д.и.х. Қурбон А.С.

Котиби ҷаласа, н.и.п. Расулзода С.П

Тасдиқ мекунам: Сардори ШК Шукурзод Ҷ.А.

**Маълумот барои тамос:**
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, к. Айнӣ 67, ДДБ ба номи Носири Хусрав, кафедраҳои методикаи таълими фанҳои табиатшиносӣ .